# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна зери унвони «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таърихи тамаддун ва фарҳангу адаби тоҷик абармардони зиёдеро ба ҷомеа тақдим кардааст. Абармардоне, ки ҳар кадомашон дар асри худ инқилобе дар рушду пешрафти миллат ба вуҷуд оварда ва номи худро зиндаву ҷовид сохтаанд.

Устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи адибоне аст, ки дар давраи душвор ва сарнавиштсози Тоҷикистон по ба арсаи фаъолият гузошт ва миллати худро дар шоҳроҳи фарҳанг, тамаддун ва илму маърифати суннатӣ нигоҳ дошт. Бахше аз осори ӯро метавон баёнгари ҳофизаи миллати тоҷик номид. Чаро ки дар он даврони сарнавиштсоз ва пурошӯб, ба ҳукми сарнавишт танҳо мутафаккире буд, ки тамаддун, фарҳанг ва адабиёти беш аз ҳазорсоларо дар ҳофизаи худ дошт ва онро устодона бо адабиёти навин пайванд дод.

Бадурустӣ устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи фарзандони бузурги миллати тоҷик аст, ки дар як давраи буҳронӣ ва сарнавиштсоз фидокорона барои таъмини бақои умри миллаташ талош ва ҷоннисориҳо кард. Барои ин ки миллат аз зери вайронаҳои таърих дубора қад рост кунад ва қадам бардорад, ҳамчун падари ғамхор сарпарастии миллаташро бар уҳда гирифт.

Боиси хушнудист, ки бо гузашти замон таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҷавон ба осори Айнӣ ҷанбаҳои мухталифе корномааш афзоиш меёбад, ки намунааш диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Ф. “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” мебошад.

Мундариҷаи кори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Равшан аст, ки осори бадеӣ ба забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, дорои бисёр ёдгориҳои оламгиру беназири таърихист. Унвонҷу дар диссертатсия барои нахустин бор тамоми паҳлуҳои кори муҳарририи Айниро таҳқиқ намуда, ки аҳаммияти зиёде илмӣ дорад.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсияи** номзадии мавсуф дар он зоҳир мешавад, ки то кунун перомуни рӯзгор ва осори Устод Садриддин Айнӣ сухан зиёд гуфта шудааст ва ҳар яке аз пажуҳишгарон мақолоту китобҳои зиёдеро таълиф намуда, судманд будани таълифоташро ошкор сохтаанд, аммо дар мавзуи нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ дар ҷомеаи адабии тоҷик коре ба гунаи комил анҷом нашуда ва пажуҳише, ки дархӯри мақому манзалат ва арзиши аслии ӯ бошад ва ё сухани шоиставу боистае навиштаву гуфта бошанд, нашудааст.

**Аҳаммияти назарии амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки дар пешрафти минбаъдаи заминаҳои назарии кори таҳриргарӣ саҳм мегузорад ва шароити лозимро барои шинохту баррасии эҷодиёти дигар нависандагон фароҳам меоварад. Маводи таҳқиқро метавон зимни омузиши кори таҳриргарӣ истифода намуд. Гузашта аз ин омӯзишу баррасии фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айнӣ, ки мавзуи рисолаи ҷудогона қарор гирифта, ниҳоят арзишманд ба назар мерасад.

Муҳаққиқ аз як равиши ба худ хос ба ин мавзуъ назар афканда ва ба жарфои мавзуи мавриди баҳс фурӯ рафта, онро мӯшикофонаву борикбинона ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертант дар муқаддима равиши кори илмии худ ва ҳадафҳои асосии пажуҳиши мавзуи мавриди назарро муайян сохтааст.

Боби якум, ки **“Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ”** унвон гирифтааст ва дар он муҳаққиқ масъалаҳои маънишиносии таҳрир, адабиёти бадеӣ ва муҳаррирӣ, тарзҳо ва меъёрҳои арзёбии асар ё матни адабӣ, методика ва усулҳои кори муҳаррири асарҳои бадеӣ, хусусиятҳои таҳрири жанрҳои адабӣ, кори муҳаррирӣ ва нашри осори бадеии классикон, аз таърихи таҳрири адабиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд гуфт, ки боби мазкур бештар ҷанбаи назарӣ дорад. Диссертант аз

як сӯ нигоҳе ба маъношиносии истилоҳи таҳрир назар афканда, дар ҳошияи он перомуни муҳарриру махсусан муҳаррири адабӣ изҳори назар менамояд. Ба таври гузаро ҷараёни чопу таҳрири осори адибони классику муосирро бозгӯ месозад. Ҳамзамон атрофи меъёрҳои таҳрриру арзёбии осори бадеӣ баҳс мекунад. Мурури ин боб гувоҳи он аст, ки диссертант ба ҷузъиёти назарии мавзуъ, амри таҳриру таҳриргарӣ, анвои таҳрир, нақши таҳрир дар ҷомеаи адабӣ комилан ошност. Тавре ки гуфтем, боби мазкурро метавон боби муқаддимавӣ ё заминавӣ номид, ки шомили ҳафт зербоб мебошад.

Диссертант изҳор дошта, ки "Вазифаи муҳиме, ки дар назди муҳаррир меистад, аз рафъи нуқсонҳои мавҷуда дар матни асар, ташхису дарёфти бахшҳои нерӯманди асар, таъкиди нишонаҳои асили услуби нависанда ва гоҳо пурқувват намудани заминаҳои ҳиссӣ-эстетикии он иборат аст. Вале дар ин миён муҳаррир набояд услуб ё сабки фардии нависандаро бо завқу салиқаи худ дигаргун намояд.... Гоҳо мешавад, ки як адиб ё ҳунарманд ғарқ дар ҷаҳони эҷоди хеш мехоҳад, тарзи ифодаи хос, наву тоза дошта бошад ва ин тозаҷӯйӣ баъзан ӯро ба ифрот мебарад. Маҳз дар ҳамин мавридҳо дасти маҳкаму диди саривақтии муҳаррир лозим аст, то нависандаро аз дур шудан аз асли мақсад, изофагӯйиҳо нигоҳ дорад ва ба роҳи дуруст ҳидояташ намояд." (саҳ. 24)

Боби дуюми диссертатсия "**Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ**" номгузорӣ шудааст. Он панҷ зербобро дар бар мегирад. Дар боби мазкур масъалаҳои фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар манзари танқиди адабӣ, нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори худи нависанда, Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, Садриддин Айнӣ ва таҳрири забони осори классикон, Садриддин Айнӣ ва таҳрири забони осори тарҷумашуда, мавриди баррасии амиқ карор гирифтааст.

Бояд гуфт, диссертант кӯшиш кардааст, ки нақшу аҳаммияти таҳрири адабиро дар пешрафту нумӯи адабиёти бадеӣ ба қадри имкон инъикос намояд. Ҷойи таъкид аст, дар адабиёти тоҷик аз ҳамон марҳилаҳои аввалин таҳриру муҳаррирӣ мавҷуд будааст, зеро ба бозхонӣ, ғалатгирӣ, пуррасозӣ, изофанамоӣ, тағйири пораҳои ҷудогонаи асар ниёзу эҳтиёҷе буда, ки аз матни асари бадеӣ бармехостааст.

Устод Айнӣ бо хубӣ дарк намуда буд, ки, агар мавзуи соданависӣ ба ҷиддияти том назорату роҳандозӣ нашавад, метавонад, барои забони тоҷикӣ мушкилоти бештареро эҷод намояд. Гузашта аз ин, аксар баҳсу мунозираҳои забоншиносону муҳаққиқон роҷеъ ба соданависӣ дар идораи Нашриёти давлатии Тоҷикистон доир мегардид. Ин буд, ки устод Айнӣ ҳангоми маҳфилҳо аз даъвогарони соданависӣ талаб менамуд, то намунаҳое аз матнҳои таҳриршуда ва содакардаи хешро пешниҳод намоянд.

Боби сеюми диссертатсия «**Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик**» ном дошта, фарогири чаҳор зербоб аст.

Дар ин қисмати диссертатсия мавзуъҳои Устод Айнӣ ва таҳрири забони асарҳои Ҷалол Икромӣ, Садриддин Айнӣ ва Сотим Улуғзода, Садриддин Айнӣ ва Пӯлод Толис, Садриддин Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил, мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Тавре ки аз мурури рисола бармеояд, яке аз шеваҳои кори таҳриргарии Айнӣ аз он иборат буда, ки зимни таҳрири ҷумлаҳо андешаҳои хешро дар ҳошияи асарҳо менавиштааст. Мутассифона ин қайду эзоҳоти Айнӣ ба таври алоҳида ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасӣ нагардидаанд. Коре, ки аз ҷониби Алиева бо ҷиддият шуруъ шуда ва умед аст дар оянда идома пайдо мекунад. Равшан аст, ки нақши забони адабӣ дар тарбияти маънавӣ ва зебошинохтии хонандагон ниҳоят муҳим аст. Гузашта аз ин, забони як асар барои омӯзиши забон, луғату таркибҳои тозаи забонӣ манбаи муҳиме маҳсуб мешавад. Аз ҳамин сабаб Садриддин Айнӣ дар тамоми осоре, ки аз таҳрири ӯ гузаштааст, ин масъаларо дар мадди назар доштааст.

Агар андешаҳои мазкур дар боби зикршударо натиҷагирӣ намоем, равшан мегардад, ки муҳаррирӣ барои Садриддин Айнӣ танҳо як соҳаи фаъолият нест, балки нишонгари ҳунару истеъдоди нависандагии ӯ ба шумор меравад.

Саҳме, ки устод дар таҳрири китобу осори нависандагони тоҷик ва адабиёти тарҷумашуда ба забони тоҷикӣ доштааст, гувоҳи шахсияти адабӣ, инсонӣ, иҷтимоии устод аст.

Садриддин Айнӣ аз солҳои бистуми қарни гузашта шуруъ намуда, то поёни умр ба кори муҳаррирӣ машғул буд ва онро як ҷузъи

ҷудонашавандаи фаъолияти адабии хеш меҳисобид. Хидмати устод дар камолу пешрафти нависандагони тоҷик Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим ва дигарон ниҳоят арзишманд аст. Диссертант фаъолияти таҳриргарии Устодро дар иртибот бо нависандагони болоӣ ба таври густурда ва амиқ таҳқиқ намуда, барои тасдиқи андешаҳояш аз қайдҳои Устод мисолҳои гӯё нақл кардааст. Кори муҳаррирӣ дар лабораторияи эҷодии ҳеҷ нависандае ба андозаи устод Садриддин Айнӣ барҷаставу муҳим набудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар қатори муваффақиятҳо дар таҳқиқ баъзе камбуду костагиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки зикрашон зарур мебошад:

1. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия дар “Сарчашмаи таҳқиқ” дар баробари номи нависандагон: Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва Пулод Толис номи дигар шоирону нависандагонро монанди Абулқосим Лоҳутӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва Раҳим Ҷалил бо зикри осорашон ба гунаи дақиқ оварда мешуд.

2. Баёнияҳои таъкидӣ ба мисли: қобили қайд аст (с. 20), набояд фаромӯш кард, ки (с. 21), таъкид кардан зарур аст, ки (с. 22), бояд изҳор дошт (с. 24), ногуфта намонад, ки (с.26), қайд кардан зарур аст (с. 30), бояд хотирнишон намуд (с.31), пештар қайд намудем (с. 32), тавре ки маълум аст (с. 33), тавре дар қисматҳои боло зикр намудем (с.36), тавре ки қайд шуд (с. 43), қобили зикр аст (с. 47), бояд арз дошт (с. 56), равъиан аст, ки (55), зикр намудем (с. 55), дар боло зикр шуд (с. 57), мо дар боло ёдовар шудем (с. 61), гап дар инаст, ки (с. 66) ва ба инҳо монанд дар рисола ниҳоят зиёд истифода шудааст, ки дар вақти хондан як чизи зиёдатӣ ба назар мерасанд. Дар сурате ки ҷумларо бидуни инҳо ҳам метавон оғоз кард.

3. Ҷумлаҳои такрорӣ низ дар рисола ба мушоҳида мерасанд. Барои гувоҳ дар саҳ. 3 ва 152 ва ғ. Ислоҳи онҳо дар беҳтар гардидани мазмуни рисола муосидат менамоянд.

4. Ҳарчанд осори таҳриршудаи классикон аз ҷониби устод зиёд аст, вале дар диссертатсия танҳо як мисол оварда шудаст.

5. Дар рисола гоҳо иқтибос аз манбаи асл гирифта нашуд, аз китоби дигаре ахз мегардад. Хубтар буд, аз матни асл истифода мешуд.

6. Дар рисола камбуду мушкилоти техникӣ ва ғалатҳои забонӣ ба (саҳ. 7,13,21,27,29,34,45 ва ғ.) назар мерасад. Бартараф намудани камбуду лағшишҳои мавриди назар дар беҳтар гардидани мазмуни рисола мусоидат хоҳан кард.

Албатта эродҳои зикршуда бе ҷеч ваҷҳ арзишу илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Нашри таълифоти илмӣ ва коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯ мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдусамазода Эраҷ Абдусамад

Имзои Абдусамазода Э.А.-ро
тасдиқ мекунам, сардори РККМ
Донишгоҳи давлатии Кӯло ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Файзуллохуҷа Азизович

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: +(992) 918-13-99-68
E-mail: erajjon-1988@mail.ru
«16» апрели соли 2024